# АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА ИҶТИМОИИ НАВРӮЗ

Наврӯз яке аз куҳантарин ва маъруфтарин ҷашнҳои фарҳангии халқҳои ориёитабор ба ҳисоб рафта, дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун рамзи эҳёи табиат, навшавии зиндагӣ ва таҳкими арзишҳои маънавию иҷтимоӣ нигоҳ дошта шудааст. Барои мардуми тоҷик Наврӯз танҳо оғози фасли баҳор нест, балки падидаи фарҳангие мебошад, ки дар худ таҷрибаи таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеаро таҷассум мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тағйироти иҷтимоӣ омӯзиши моҳият ва арзишҳои ахлоқию иҷтимоии Наврӯз аҳамияти махсус пайдо мекунад. Зеро ин ҷашн ҳамчун падидаи муҳими фарҳанги миллӣ метавонад дар таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи инсондӯстӣ ва густариши муносибатҳои дӯстона байни одамон нақши муҳим бозад. Яке аз хусусиятҳои асосии Наврӯз дар он ифода меёбад, ки ин ҷашн инсонро ба некиву покизагӣ ва созандагӣ ҳидоят менамояд. Дар фарҳанги мардумӣ омодагӣ ба Наврӯз бо поксозии хона, муҳити зиндагӣ ва ҳатто муносибатҳои байни одамон оғоз меёбад. Ин анъана рамзи тозагии руҳӣ ва оғози марҳилаи нави зиндагӣ ба ҳисоб меравад. Анъанаҳои наврӯзӣ пайваста дар каломи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифшо мегардад: «Маросиму ойинҳои ҷуфтбаророн, хонабаророн ё хонасафедкунӣ, оташафрӯзон, гулгардонӣ, суманакпазӣ, навозиши сари ятимону бепарасторон ва дигар амалҳои хайр аз суннатҳои неки наврӯзӣ буда, аксари онҳо то имрӯз дар кишвари мо ба таври васеъ роиҷанд». Дар ҳақиқат Наврӯз рамзи пирӯзии равшанӣ бар торикӣ ва ғалабаи некӣ бар бадӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷашни бостонӣ инсонҳоро ба поксозии дил аз кинаву адоват, бахшидани гуноҳҳои якдигар ва таҳкими меҳру муҳаббат даъват менамояд. Наврӯз айёми эҳёи табиат ва оғози марҳилаи нави зиндагӣ буда, дар он инсон ва муҳити атроф гӯё дубора неруи тоза мегиранд. Бо фарорасии ин рӯз фасли сармо поён ёфта, замони сабзиш, фаровонӣ ва умед ба зиндагии беҳтар оғоз меёбад. Аз нигоҳи ахлоқӣ Наврӯз инсонро ба меҳрубонӣ, саховатмандӣ ва эҳтироми якдигар даъват мекунад. Дар ин рӯзҳо одамон ба дидорбинии наздикону хешовандон мераванд, аз ҳолу аҳволи пиронсолон ва ниёзмандон хабар мегиранд ва ба онҳо дасти ёрӣ мерасонанд. Ин суннатҳо нишон медиҳанд, ки дар фалсафаи Наврӯз эҳсоси масъулияти иҷтимоӣ ва ҳамдардӣ ба дигарон ҷойгоҳи муҳим дорад. Садри тамаддунофари миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар баромадҳои хеш боисрор таъкид медоранд, ки Наврӯз ҷашни инсонгароӣ, саховатмандӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад: «Дар ин рӯзҳо мардум бояд ба пиронсолон, ятимон ва ниёзмандон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, эҳсоси ҳамдилӣ ва ҳамдигарфаҳмиро тақвият диҳанд». Наврӯз инчунин дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ мебошад. Ин ҷашн мардумро муттаҳид намуда, муҳити дӯстиву ҳамдигарфаҳмиро дар ҷомеа тақвият мебахшад. Дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз одамон дар чорабиниҳои фарҳангӣ, маросимҳои миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ иштирок

намуда, ҳисси ҳамбастагӣ ва ягонагии худро эҳсос мекунанд. Ҷанбаҳои иҷтимоии Наврӯз инчунин дар муносибати инсон ба меҳнат ва табиат инъикос меёбанд. Аз замонҳои қадим Наврӯз бо оғози мавсими кишту кор алоқаманд буда, барои мардуми деҳқон рамзи умед ва фаровонӣ ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ҳамин давра кишоварзон ба корҳои саҳроӣ оғоз намуда, барои ҳосили фаровон замина фароҳам месохтанд. Дар фарҳанги мардумӣ инчунин суннатҳое мавҷуданд, ки муносибатҳои иҷтимоиро тақвият медиҳанд. Аз ҷумла, омода намудани хони наврӯзӣ, баргузор намудани бозиҳои мардумӣ, суруду рақси идона ва дигар расму ойинҳо мардумро ба ҳам меоранд ва муҳити шодиву ҳамдилиро ба вуҷуд меоранд. Ташкилу баргузории ҳар гуна чорабиниҳои варзишӣ, аз ҷумла аспдавонӣ, гӯштигирӣ, инчунин, шеърхонӣ, ба бар кардани либосҳои миллӣ ва намоиши онҳо, омода намудани таомҳои миллӣ аз гиёҳу растаниҳои баҳорӣ аз ойинҳое мебошанд, ки мардуми мо онҳоро дар рӯзҳои наврӯзӣ бо шавқу завқи зиёд анҷом медиҳанд. Дар замони муосир аҳамияти фарҳангии Наврӯз аз доираи миллӣ берун рафта, ба арзиши байналмилалӣ табдил ёфтааст. Бо ташаббуси Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар Наврӯз ба рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангии башарият ворид гардида, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф шудааст. Ин иқдом нишон медиҳад, ки Наврӯз на танҳо як ҷашни миллӣ, балки падидаи фарҳангиест, ки метавонад дар таҳкими сулҳ, дӯстӣ ва ҳамгироии халқҳои ҷаҳон саҳм гузорад. Арзишҳои инсонгароӣ, эҳтиром ба табиат ва ҳамдигарфаҳмӣ, ки дар фалсафаи Наврӯз ҷой доранд, имрӯз барои ҷомеаи ҷаҳонӣ низ аҳамияти калон доранд. Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Наврӯз дорои мазмуни амиқи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ин ҷашн инсонро ба некиву покизагӣ, меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми якдигар ҳидоят намуда, дар таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳанги миллӣ нақши муҳим мебозад. Дар шароити ҷомеаи муосир Наврӯз метавонад ҳамчун воситаи муҳими тарбияи маънавӣ ва густариши арзишҳои инсонгароӣ хизмат намояд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва ҳифзи суннатҳои Наврӯз барои таҳкими худшиносии миллӣ ва рушди фарҳанги ҷомеа аҳамияти муҳим дорад. Шарифиён Муқаддас Холиқзода – ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

